# Тақриз

ба автореферати рисолаи доктории Абдухалилзода Кароматулло “Ислом ва арзишҳои дунявӣ» барои дарёфти унвони илмии доктори илмҳои фалсафа аз рӯйи ихтисоси 09.00.14 – Фалсафаи дин ва диншиносӣ

Диссертатсия ба омӯзиши яке мавзуъҳои хеле муҳим ва актуалии ҷомеаи имрӯза -таносуби таълимоти дини ислом ва дунявият, муайян кардани арзишҳои дунявӣ дар тафаккури динӣ бахшида шудааст. Ҷаҳони имрӯзи мусалмонӣ тазодҳои зиёди фикриеро дар бораи фаҳмиши дунявият дорад, ки зоҳиран исломро чун дини мухолифи ҳама гуна арзишҳои дунявӣ муаррифӣ менамоянд. Аммо муаллифи рисола дар такя ба адабиёти илмӣ, истифода аз далелҳои таърихӣ ва зиндагии мусалмонони аввал исбот кардааст, ки принсипи дунявият ҳануз дар зиндагии мусалмонони аввал ва ҳатто паёмбари ислом ба назар мерасад. Барои исботи ин гуфтаҳо муаллиф дар такя ба таҷрибаи ҳаётии аксарияти халифаҳо, шахсиятҳои маъруфи динӣ, накши арзишҳои дунявиро дар ҳаёти динӣ муайян сохтааст.

Ҷойгоҳи воло доштани арзишҳои дунявӣ дар таърихи ислом, дар фаъолияти рӯзмарраи пайравони он дида мешавад. Зеро бе ҳаёти дунявӣ зиндагӣ кардан ғайриимкон аст. Ва арзишҳои динӣ бе воситаи арзишҳои дунявӣ анҷом пазируфтанашон ғайриимкон аст.

Диссертатсия мазкур аз муқаддима, 4 боб ва 15 зербоб, хулоса ва руйхати адабиет иборат аст. Мувофиқат ва пайдарҳамии бобҳо ва зербобҳои диссертатсия низ қобили таҳсин буда дар пайдарҳамии фикриву мантиқӣ қарор доранд. Абдухалилзода К. дар боби якуми рисола “Ҷанбаҳои методологии таҳқиқи дунявият” асосҳои методологии мавзуъро баррасӣ намуда, дар зербобҳои алоҳидаи он моҳияти афкори дунявии мутафаккирони Юнони Қадим, асрҳои миёна, давраи Эҳё ва Замони нав баррасӣ намуда, бо омӯзиши арзишҳои дунявӣ дар динҳои сомии тоисломӣ мавзуъро ба анҷом расонида, мантиқан барои омӯзиши арзишҳои дунявӣ дар ислом заминаи назариявӣ омода намудааст.

Боби дуюми диссертатсия “Заминаҳои дунявият дар ислом” ном дошта, муаллиф дар ин боб масъалаҳои арзишҳои дунявӣ дар ислом, мақоми арзишҳои дунявӣ дар Қуръон ва нақши омилҳои дунявӣ дар пирӯзӣ ва густариши исломро мавриди омӯзиш қарор додааст. Диссертант дар зербоби аввал қайд намудааст, ки “дин пеш аз ҳама ниҳодест, ки ҳеч гоҳ худ ба худ вуҷуд надоштааст. Агар он вуҷуд доштааст, пас ин маънои онро дорад, ки инсоне ба он ниёз доштааст” (саҳ 19). Аз ин сухан маълум мегардад, ки ҳадафҳои дунявии инсон боиси пайдоиши дин гаштааст.

Барои омӯзиши воқеъбинонаи муносибати ислом ба арзишҳои дунявӣ диссертант мавзуъро дар ду самт - исломи назарӣ ва исломӣ амалӣ пешниҳод намудааст, ки аз нигоҳи методологӣ дуруст ва дақиқ мебошад. Муаллиф нақши арзишҳои дунявиро дар амалия ва назарияи исломӣ дар зербобҳои баъдина хеле муфассал, асоснок нишон додааст, ки воқеан сазовори дастгирист.

Боби сеюми рисола ба раванди дунявӣ дар иддае аз кишварҳои исломӣ ва мусалмонӣ назари муқоисавӣ карда шудааст. Яъне, дар боби сеюм идомаи мантиқии таҳлили раванди дунявигароӣ дар олами мусалмонӣ ба назар мерасад. Дар ин боб диссертант пайдоиш ва густариши дунявигароиро дар иддае аз кишварҳои исломӣ ҳадафи таҳқиқ қарор дода, комилан дуруст таъкид намудааст, ки маҳз ақибмондагии иқтисодию фарҳангии ин кишварҳо онҳоро ба дунявигароӣ водор намудааст. Муаллиф бо далелҳои муътамад асоснок намудааст, ки ғарбгароии равшангарон ва ислоҳотхоҳони иддае аз кишварҳои исломӣ ҳадафи худро дошта, аслан шакли махсуси зуҳури дунявият мебошад.

Дар боби чоруми рисола муаллиф мавзуи ҳамзистии фарҳангии дунявият ва диниятро дар ҷомеаи муосири Тоҷикистон мавриди омӯзиш қарор дода, бо далелҳои муътамад, бархе андешаҳоро оид ба мухолифати усулии ислом бо дунявият ботил сохтааст. Дастоварди мусбати муаллиф дар он аст, ки бо нишон додани асосҳои ҳуқуқии ҳамзистии фарҳангии дунявӣ ва динӣ, вижагиҳои ин гуна ҳамзистиро омӯхта, модели дунявияти тоҷикиро асоснок сохтааст.

Диссертант дар навиштани рисола адабиёти сершуморро бо забонҳои тоҷикӣ, хатти форсӣ, забонҳои русӣ, англисӣ ва арабӣ истифода намудааст. Аз нигоҳи илмӣ забони асар бисёр равон ва фаҳмо мебошад.

Умуман, муаллифи рисола, мавзуи таҳқиқшавандаро хеле илмӣ ва бо далелҳо мавриди таҳқиқ қарор дода, мақоми арзишҳои дунявиро дар ислом собит сохтааст. Аз ин рӯ, рисола барои аҳли ҷомеа дорои арзишҳои илмӣ-амалӣ ва назариявӣ мебошад.

Чун низоми давлатдории Тоҷикистон дунявӣ ва аксарияти мардум аз нигоҳи эътиқодӣ мусалмон мебошанд, диссертатсия барои барои ҷомеа ҳам аз нигоҳи назарӣ ва ҳам аз нигоҳи амалӣ хеле муфид ба назар мерасад. Таҳқиқоти мазкур ҳамчунин барои донишмандон, ки бо таҳқиқи мавзуи дунявият ё омӯзиши дини ислом машғул мебошанд ва дар умум барои тамоми хонандагон манфиатбахш аст. Зеро метавонад, тассуби дингароиро дар ҷомеа мутавозин намуда, аз қазияе, ки дар амалияи исломӣ арзишҳои дунявӣ муҳим ба ҳисоб мераванд, огоҳ созад.

Дар баробари ин ҳама ҷанбаҳои мусбӣ ба таври машварат, ишора мекунам, ки муаллиф дар таҳқиқоти худ ба ҷанбаҳои назарии ислом камтар таваҷҷуҳ намудааст. Зеро таҳқиқи арзишҳои дунявӣ дар замони муосир бояд бо таҳқиқи амиқи исломи назариявӣ анҷом дода шавад.

Дар умум, муаллиф мавзуи мубрам ва муфидро мавриди таҳқиқ қарор дода, ба мақсадаш расидааст. Диссертатсия ба унвони илмии доктори илмҳои фалсафа аз рӯи ихтисоси 09.00.14. – Фалсафаи дин ва диншиносӣ сазовор мебошад.

Доктори илмҳои фалсафа, профессор,
сарходими илмии шуъбаи
таърихи фалсафаи Институти фалсафа,
сиёсатшиносӣ ва ҳуқуқи ба номи
А. Баҳоваддинови АМИТ Маҳмадҷонова М.Т

Имзои Маҳмадҷонова М.Т.-ро тасдиқ мекунам.

Сармутахассиси ШК ИФСҲ Абдураҳмонзода Б.

23.09.2024